*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 34 (4774) | ҶУМЪА, 15 МАРТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ҚАБУЛИ ЭЪТИМОДНОМА АЗ САФИРОНИ НАВ

**15-уми марти соли 2024 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави фавқулода ва мухтори як қатор кишварҳои хориҷӣ эътимоднома қабул карданд.**



Зимни маросим ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон Раҷеш Уки, Ҷумҳурии Халқии Бангладеш Муҳаммад Мунирул Ислом, Шоҳигарии Нидерланд Нико Схемерс, Ҷумҳурии Литва Навикас Эгидиюс, Ҷумҳурии Словакия Виктор Боретски, Ватикан Ҷорҷ Ҷорҷ Панамтундил, Ҷумҳурии Ангола Аугушто да Силва Куня, Ҷумҳурии Бенин Андре Акамби Окунлола-Биау, Ҷумҳурии Сйерра-Леоне Моҳамед Йонгаво ва Ҷумҳурии Колумбия Эктор Исидро Аренас Нейра эътимодномаҳои худро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳои хеш тақдим карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи сафиронро ба муносибати таъйин гардиданашон ба ин маснад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфтанд. Изҳори итминон карда шуд, ки фаъолияти самараноки сафирон омили муассири рушду таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунсоҳа байни кишварҳо хоҳад гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки мулоқоти имрӯза дар айёме сурат мегирад, ки дар саросари сарзамини куҳантамаддуни Тоҷикистон накҳати яке аз зеботарин ҷашнҳои Машриқзамин - Наврӯзи оламафрӯз ба машом мерасад.

Бо истифода аз фурсат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сафирони навтаъйиншуда табрикоту таманниёти некашонро ба муносибати ин ҷашни байналмилалӣ иброз намуданд. Зикр гардид, ки баробари мақоми байналмилалӣ гирифтани Ҷашни Наврӯз байналмилалӣ бештару густурда гардонад. Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самтҳои мухталифи сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амниятӣ равобити фаъолу созандаро пеш мебарад.

фазилатҳои неку созандаи он аз фазои миллию фарҳангиаш фаротар рафта, мазмуну тобиши ҷаҳонӣ касб кардааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судманди Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Бангладеш, Шоҳигарии Нидерланд, Ҷумҳурии Литва, Ҷумҳурии Словакия, Ватикан, Ҷумҳурии Ангола, Ҷумҳурии Бенин, Ҷумҳурии Сйерра-Леоне ва Ҷумҳурии Колумбия андешаронӣ карданд.

Президенти мамлакат зикр намуданд, ки давлати Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ пайваста саъй менамояд, то доираи шарикону дӯстонашро дар арсаи

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба авҷи бесобиқаи ташаннуҷ дар манотиқи гуногуни олам андешаронӣ карда таъкид доштанд, ки дар чунин шароити ҳассос ҳамраъйӣ, ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои пурсамари байнидавлатӣ ҳамчун омили калидии устувории ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти дучанд пайдо мекунад.

Дар ин замина, давлати Тоҷикистон идомаи шарикӣ бо кишварҳои сафирони навтаъйиншударо бахши таркибии сиёсати хориҷии худ дониста, дурнамои онро нек арзёбӣ менамояд.

www.prezident.tj



# АВВАЛ ТОҶИК ВА БАЪД МУСУЛМОН

## Пешвои миллат ба «баҳс дар мавриди мусулмон ё тоҷики мусулмон» нуқта гузоштанд

**Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар рӯйдоди бениҳоят муҳим маҳсуб шуда, ҳамватанонамон ба он назаранд, ки чунин мулоқот бояд ҳатман баргузор мегардид, зеро вақтҳои охир таассубгароӣ дар мамлакат тавсеа ёфта буд.**

Нигаронии шаҳрвандон ба он рабт дорад, ки ин таассубгароӣ дар кишвари мо роиҷгардида сунъӣ буда, бештар аз хуруфот маншаъ гирифтааст. Хоса, дар хориҷи кишвар даст ба амалҳои террористӣ задани шаҳрвандони Тоҷикистон, хеле зиёд шудани теъдоди ба ном ҳоҷиҳо, маъмул гардидани либосҳои ба фарҳанги миллии мо носозгор, зиёд шудани сафи онҳое, ки танҳо рӯзи ҷумъа худро мусулмон «мекунанд» ва ғайра боиси нигаронии сокинони мамлакат буд.

Аз таассуроти мардум бармеояд, ки онҳо комилан ба андешаҳои Роҳбари мамлакат ҳамфикранд, онҳоро дар шароити кунунӣ барои эмин нигоҳ доштани ҷомеа аз хатарҳо муҳим медонанд, барои иҷрои дастуру супоришҳои баёнгардида омодагии худро иброз медоранд. Ба шарофати суханронии Пешвои миллат ҳамватанонамон бори дигар муътақид шуданд, ки ин абармард, воқеан ҳам, Президенти мардумӣ буда, тамоми ибтикор ва ҷаҳду талошашон барои таъмини зиндагии мардум равона шудааст.

Дар заминаи мулоқоти мазкур тамоми қишрҳои ҷомеа мутмаин гардиданд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз кулли мушкилоти ҷомеа огоҳии комил доранд, сабабҳои ба миён омадани онҳоро беҳтар аз дигарон медонанд ва барои рафъи мушкилиҳои мавҷуда пешниҳоду нақшаҳои комил доранд. Ин омил дар ҷараёни баргузории мулоқоти мазкур ба маъраз гузошта шуд. Табиист, ки то чӣ андоза натиҷаи дилхоҳ додани мулоқоти мазкур ба тадбирандешии масъулин вобаста аст.

Ҷавобгӯи талабот набудани корҳои фаҳмондадиҳӣ, то андозае дур шудани масъулин аз мардум, хотиррасон намудани гунаҳкорони ҷанги шаҳрвандӣ, ёдовар шудани вазъи ҷаҳони муосир, истинод ба Қуръони карим, махсус таъкид кардани зарурати милликунонии дин, шарҳу тавзеҳи ваколату рисолати мулло, дастури сахттар намудани муҷозот барои таълими ғайриқонунии динӣ, таҳия намудани либоси миллӣ мавриди таваҷҷуҳи Роҳбари хирадсолори мамлакат қарор доштанд.

Илова бар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаю низоъҳои динию мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо андешаҳояшонро иброз намуданд.

Бо истинод ба суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми қишрҳои ҷомеа мутмаин гардиданд, ки дар мамлакати мо давлат баҳри такомули афкори динӣ ва суннатҳои ба он марбут дар чорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ муқарарот пешбинӣ кардааст ва онҳо ба талаботи ҷомеа созгоранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ки «бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин, баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста ба муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявист, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон, қабул шудааст», далели бебаҳси ин гуфта мебошад.

Бо вуҷуди фароҳам будани имкониятҳои зикршуда эътироф бояд кард, ки дини мо моҳияти миллӣ касб накардаю дар ҳифзи манфиатҳои миллии давлатӣ ба таври бояду шояд саҳмгузор нест. Дингароии аксар низ сунъӣ буда, бештар ба хурофот рабт дорад. Дар ин замина воқеияти фармудаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ – «Ҳазорсола раҳ аст аз ту то мусулмонӣ» баёнгари ин ҳолат аст.

Ҳамон тавре, ки Роҳбари мамлакат зикр карданд: «Бар ивази ҳамаи тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгириву пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст».

Масъалаҳои дар мулоқоти мазкур аз ҷониби Пешвои миллат матраҳгардида куллан муҳиманду саривақтӣ. Аз ҷумла, Сарвари давлат ба «баҳс»-и аз таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастӣ маншаъгирифта дар мавриди «мусулмон ё тоҷики мусулмон» нуқта гузоштанд.

Инкор намекунем, ки ҳар фарди мусулмон бояд ба дини мубини ислом чун ба сарчашмаи асосии маънавӣ ва рӯҳонию ахлоқӣ эҳтиром гузорад ва баҳри милликунонии он беш аз пеш кӯшиш ба харҷ диҳад, вале ин раванд дар кишвари мо бо хурофотпарастию ифротгароӣ тавъам гардида, дар мағзшӯии ҷавонон мавриди истифода аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ»**

# ШИНОСНОМАИ ДАВЛАТ

**(Идома аз шумораи №24 (4764), 21 феврали соли 2024)**

Сарфи назар аз сафбандии низоми қонунгузорӣ ва мартабаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мазмун, таъйиноту вазифаҳо, хислатҳои онҳо тибқи мувофиқати онҳо бо Конститутсия муайян мегардад. Низоми қонунгузории миллӣ ва усулҳои асосии ташкилёбии он дар Конститутсия муқаррар гардида, дар қонуни махсус дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муфассал танзим карда мешавад. Ҳамаи онҳо бояд дар танзими муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ рӯҳи Конститутсияро ба асос гиранд. Ҳамзамон, Конститутсия зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро пешбинӣ карда метавонад, ки ҳолатҳои онро ривоҷ дода тавонанд. Масалан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳоеро пешбинӣ кардааст, ки бояд тавассути қонунҳои конститутсионӣ ё қонунҳои ҷорӣ танзим карда шаванд. Ба ин шумора ҳолатҳои дар қисми 4 моддаи 7, қисми 3 моддаи 15, қисми 4 моддаи 48, қисми 4 моддаи 51, қисми 5 моддаи 65, қисми 5 моддаи 71, қисми 4 моддаи 74, қисмҳои 5 ва 6 моддаи 78, моддаи 83, қисми 3 моддаи 84, моддаи 92 ва қисми 3 моддаи 95 муқаррargардида мисол шуда метавонанд. Сарфи назар аз ҳаҷми танзимёбии муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионии мазкур, қонунҳои ишорашуда бояд ба мазмун ва рӯҳи Конститутсия мувофиқ бошанд. Қабул ва амали чунин санадҳо амалӣ гардидани меъёрҳои конститутсиониро боздошта ва ё халалдор карда наметавонанд.

**Хусусиятҳои ҳуқуқии Конститутсия**. Ҳар кадом Конститутсия хусусиятҳои хоси ҳуқуқӣ ва сифатҳои қонуни асосии давлатро дорад. Конститутсия дар қатори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз навъҳои қонун мебошад ва ба он ҳамаи нишонаҳои қонун хос аст. Хусусияти Конститутсия, пеш аз ҳама, дар волоияти ҳуқуқии он инъикос меёбад. Волоияти Конститутсия ба ҳамаи қонунҳои ҳадди гуногун таъсир дорад. Мувофиқи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ чор намуди қонунҳо пешбинӣ шудаанд: қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва кодексҳои ҳуқуқӣ. Дар таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳодисаи қабули қонунҳо ба таври раъйпурсии умумихалқӣ ҷой надоранд. Албатта, ба ин гурӯҳи қонунҳо он қонунҳое, ки ҳадафи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро доранд, дохил намешаванд, аммо дар ҳолати қабули чунин қонунҳо низ бояд мувофиқати онҳо ба Конститутсия ба эътибор гирифта шавад. Мувофиқи тартиби қабул ва қувваи ҳуқуқии худ кодексҳо ва қонунҳои ҷорӣ ҳамвазн буда, фақат бо таркиб ва мазмуни худ фарқ доранд. Дар робита бо ҳамаи ин қонунҳо усули волоияти ҳуқуқии Конститутсия риоя карда шуда, мувофиқати онҳо бо Конститутсия таъмин карда шавад. Волоияти ҳуқуқии Конститутсия одатан дар матни он қайд меёбад. Масалан, мувофиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад… Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд».

**Амали мустақими меъёрҳои Конститутсия** (муродифи амали бевоситаи Конститутсия) – усулест, ки мувофиқи он меъёрҳои қонуни асосӣ мустақиман, сарфи назар аз мавҷуд будани қонунгузории тафсилдиҳанда, амалӣ карда мешаванд. Дар ҳолати риоя нашудани усули мазкур имкони муроҷиат ба суд барои ҳимояи ҳуқуқи конститутсионӣ вуҷуд дорад. Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки меъёрҳои Конститутсия мустақиман амал мекунанд. Барои амалӣ намудани усули мазкур меъёри конститутсионӣ оид ба танзими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти калон дорад. Дар конститутсияи аксари давлатҳо дар ин хусус меъёрҳои дахлдор вуҷуд доранд. Масалан, дар қисми дуюми моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд». Дар қонуни асосии он давлатҳое, ки дар хусуси амали бевоситаи конститутсия меъёр мавҷуд нест, таҷрибаи судӣ онро амалан татбиқ менамояд. Дар ин ҳолат презумпсия (эҳтимол)-и амали мустақими конститутсия риоя карда мешавад. Дар ин хусус дар қарори Суди конститутсионии Федератсияи Россия аз 31 октябри соли 1995 ба судяҳо тавсия карда шудааст, ки дар баррасии мавод дар ҳамаи ҳолатҳои зарурӣ Конститутсияи Федератсияи Россияро ҳамчун санади мустақиман амалкунанда ба асос гиранд.

**Адлияи конститутсионӣ** (адолати судии конститутионӣ) ибораи ҷамъбастиест, ки низоми мақомот ва расму қоидаҳое, ки имкон медиҳад, мувофиқати санадҳои парлумон, мақомоти воҳидҳои мухторӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, санадҳои ҳокимияти иҷроия ва шахсони хусусиро ба қонуни асосӣ тафтиш намояд. Адлияи конститутсионӣ яке аз шаклҳои асосии амалӣ намудани назорати конститутсионӣ мебошад. Назорате, ки дар шакли мурофиаи судии конститутсионии аз тарафи мақомоти судии махсус - Суди конститутсионӣ, инчунин, мақомоти квазисудӣ - Шурои конститутсионӣ ва баъзе дигарҳо, инчунин, худи ин мақомот амалӣ менамоянд. Дар низоми адолати судӣ адлияи конститутсионӣ шохаи махсус мебошад.

**Конститутсиягароӣ** (конституционализм) – тартиботи давлатдорӣ, ки бо Конститутсия асос ёфтааст. Тарзи идоракунии давлатие, ки тибқи Конститутсия маҳдуд гардонда шудааст. Низоми сиёсие, ки ба Конститутсия асос ёфта, бо усулҳои конститутсионӣ идора карда мешавад, ҳамчун назарияи сиёсӣ - ҳуқуқие



мебошад, ки зарурияти барпо кардани сохтори конститутсиониро асоснок менамояд.

**Конститутсиявигардонӣ** (конституционализация) - дар матни Конститутсия муқаррар кардани ҳолатҳо ва ба онҳо хос донистани неруи конститутсионӣ. Ин амал дар таҷриба худ аз худ эътироф гардида, пайдоиши меъёри нави конститутсионӣ боиси мунозира намегардад. Масалан, қисми хулосавӣ, гузаришӣ, хотимавӣ ва интиқолии Конститутсия ҳамон вақт бечунучаро қисми таркибии он дониста мешавад, ки агар ҷойи он дар низоми таркиби Конститутсия асоснок муайян карда шавад. Дар ҳолати дар қисми асосии матни Конститутсия ҷойи он муайян нагардидан неруи конститутсионии он баҳснок шуда метавонад. Дар асоси қисми дуюми моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудият ва фаъолияти адвокатура ҳамчун ниҳоди ҳимояи инсон ва шаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ расмӣ гардонда шудааст.

**Ашӯрбой ИМОМОВ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,**
**Ҷурахон МАҶИДЗОДА,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

# МАХЗАНИ ТАҲСИЛОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## Марҳабо, ба Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон!



АСРОРЗОДА Убайдулло Саттор,
ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ ВА ГИРОМӢ!**

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аввалин муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар Тоҷикистон мебошад. Донишгоҳ мутахассисонро тибқи




талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ барои соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, саноат, тиб, хизматрасонӣ, сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ, барномасозӣ, фаъолияти гумрукӣ, кори бонкӣ, андоз ва андозбандӣ, молия ва қарз, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит тайёр намуда, ба яке аз муассисаҳои таълимии олии бисёрсоҳаи пешбар табдил ёфтааст. Донишгоҳ дорои ду филиал, ду коллеҷ, ду литсейи касбӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант, литсейи тамоюли иқтисодӣ (аз соли 1998 инҷониб), ҳафт факултет, аз ҷумла як факултети муштараки байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия, як маркази таҳсилоти фосилавӣ ва муттасил, ҳашт бинои таълимӣ, 21 лабораторияи компютерӣ, беш аз 800 компютери пайваст ба шабакаи интернет, ду китобхонаи илмӣ, ду китобхонаи электронӣ, се толори маҷлис, майдончаи варзиш, бунгоҳи тиббӣ, чопхона, ду ошхона ва парки инноватсионию технологӣ мебошад. Айни замон дар сохтори донишгоҳ 19 кафедра дорад, ки дар онҳо мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои гуногун, тибқи талаботи бозори меҳнат, омода карда мешаванд. Донишҷӯёни донишгоҳ аз рӯйи барномаи дараҷаи таҳсилоти бакалавр дар 80 ихтисос, магистратура дар 15 равия, таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар панҷ ихтисос, аспирантура дар ҳафт ихтисос, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) дар ҳафт ихтисос таълим мегиранд. Таҳсил дар донишгоҳ бо забони давлатӣ, забонҳои русӣ, англисӣ ва чинӣ ба роҳ монда шудааст.

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ҳамчун:**

- *Донишгоҳи такягоҳии Донишгоҳи Созмони ҳамкориҳои Шанхай (УШОС) аз рӯйи самти технологияҳои иттилоотӣ;*
- *узви Академияи байналмилалии илмҳои мактабҳои олӣ;*
- *шарики барномаҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ;*
- *узви Ассотсиатсияи байналмилалии донишгоҳҳо – TARENA ва ғайра мебошад.*

Бо мақсади пурзӯр намудани самаранокии робитаҳои берунӣ ва




густариши ҳамкориҳо донишгоҳ бо беш аз 120 ташкилоту созмон, муассисаҳои илмиву таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ қарордодҳои ҳамкорӣ ба имзо расонда, фаъолияти серҷанбаро дар самтҳои гуногун ба роҳ мондааст. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҷиҳати ҷалб намудани донишҷӯён барои таҳсил дар хориҷи кишвар бо таълимгоҳҳои олӣ - Донишгоҳи давлатии технология ва идораи шаҳри Москва, Донишкадаи давлатии техникаи электронии шаҳри Москва, Донишгоҳи давлатии иқтисодии шаҳри Урал, Донишгоҳи давлатии туризм ва сервиси Федератсияи Россия, донишгоҳҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон, Донишгоҳи Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Донишгоҳи миллӣ-техникии шаҳри Лутскийи Ҷумҳурии Украина, Донишгоҳи Бреда дар Нидерланд, Донишгоҳи Порто дар Португалия, Академияи сайёҳии Донишгоҳи илмҳои татбиқии Бредаи Нидерланд, Донишгоҳи Эберсвалдеи Олмон, Донишгоҳи Лондони Ғарбӣ, Иттиҳодияи коллеҷҳои Британияи Кабир, Донишгоҳи Свиси Швейтсария, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва меҳмондории Қазоқистон, Донишгоҳи Ҷеҷуи Корея, Донишгоҳи илм ва технологияи Шаансии Чин, Донишгоҳи Лусейли Қатар, Донишгоҳи бизнес ва технологияи Арабистони Саудӣ ва ғайра ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондааст. Айни ҳол зиёда аз 300 нафар донишҷӯёни донишгоҳ дар донишгоҳҳои хориҷи мамлакат ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Раванди фиристодани донишҷӯён ба муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии касбии хориҷи мамлакат минбаъд низ идома меёбад.

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!**

Шумо дар ростои интихоби касб, ки тақдири оянда ва имконияти амалишавии орзуву ниятҳоятон ба он иртиботи бунёдӣ дорад, қарор доред. Интихоби дурусти шумо ҷиҳати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва соҳибкасб шудан кафолати ояндаи дурахшон ва шарти асосии татбиқи рисолати инсониатон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар интихоби пешаи худ таваҷҷуҳ намоед ва ояндабин бошед, зеро мо дар асри рушди техника ва технологияи навин қарор дорем.

Дар шароити имрӯз тамоми сохтору корхона ва ташкилоту идораҳо ниёз ба мутахассисони донишманду дорои диди тоза доранд. Барои ин дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, имкон доред, ки аз он баҳравар гардед.

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

Мо - ҳайати раёсат ва омӯзгорони донишгоҳ талош дорем, ки ба тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи муҳими иқтисодиёт аҳамияти бештар диҳем. Ҳоло дар донишгоҳ барои омӯзондани мутахассисони оянда




дар соҳаҳои муҳими блоки иқтисодии кишвар беш аз 500 нафар омӯзгорони ботаҷриба ва соҳибунвон фаъолият менамоянд. Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз тарафи раёсат пайваста ҷавонони болаёқат, ки барои аз худ кардани дониш кӯшиш мекунанд ва дар чорабиниҳои дохилӣ ва байналмилалӣ иштироки фаъолона доранд, дастгирӣ ёфта, бо туҳфаҳои пулию молӣ ҳавасманд мегарданд. Раванди таълим дар донишгоҳ бо истифода аз усулу технологияҳои нав роҳандозӣ гардида, раванди таҳсилот тариқи камераҳо назорат карда мешавад.

Дар интиҳо, бо таманниёти орзуҳои нек ба шумо – довталабони гиромӣ дар интихоби касби ояндаатон муваффақият мехоҳем. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант интизори довталабоне ҳастанд, ки онҳо ба донишҳои замонавии иқтисодӣ эҳтиёҷ доранд ва баъд аз анҷоми донишгоҳ дар рушди иқтисоди миллии кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

**ИНТИХОБИ ДУРУСТ - ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ШУМО!**



### НАҚШАИ ҚАБУЛИ
**донишҷӯёни зинаи бакалаври Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар соли таҳсили 2024-2025 (Тибқи замима ба иҷозатномаи Т-ИФ №0002226 аз 21.06.2023, №293)**

| Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ№ ______ | | Нақшаи қабул |
|---|---|---|---|---|
| | | рӯзона | ғоибона | |
| 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | 50 | 25 | 75 |
| 1-112501 | Аудит ва ревизия | 25 | 0 | 25 |
| 1-250108-01 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 50 | 25 | 75 |
| 1-250108-03 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250108-05 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | 50 | 25 | 75 |
| 1-400101-04 | Бехатарии иттилоотӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260201-01 | Бизнес-маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104-08 | Бозори фондӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-020405-03 | География. Иқтисодиёт | 25 | 0 | 25 |
| 1-020405-04 | География. Ҳифзи табиат | 25 | 0 | 25 |
| 1-310203-0203 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони русӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони хитоӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-400103 | Зеҳни сунъӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260101 | Идораи давлатӣ | 50 | 20 | 70 |
| 1-260201-06 | Идораи зиддибуҳронии корхона | 25 | 0 | 25 |
| 1-260101-01 | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250107-11 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи саноатӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250107-18 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хоҷагиҳои меҳмонхона ва тарабхона | 25 | 0 | 25 |
| 1-250107-17 | Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ | 50 | 20 | 70 |
| 1-270101-16 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-20 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати хӯрокворӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-25010721 | Иқтисодиёт ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250102-02 | Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250110-26 | Иқтисодиёти рақамӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 75 | 20 | 95 |
| 1-25011200 | Информатикаи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-31030602 | Кибернетикаи иқтисодӣ (технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт) | 25 | 0 | 25 |
| 1-03020109 | Кишваршиносӣ ва сайёҳӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104-02 | Кори бонкӣ | 75 | 20 | 95 |
| 1-230112-04 | Кори осорхона ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ (мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-260203 | Маркетинг | 50 | 0 | 50 |
| 1-310301-02 | Математика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-310303-03 | Математика (фаъолияти иқтисодӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-310301-02 | Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 20 | 45 |
| 1-260202 | Менеҷмент | 50 | 20 | 70 |
| 1-260202-10 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 50 | 25 | 75 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-26020203 | Менеҷменти инноватсионӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104-10 | Менеҷменти молиявӣ | 50 | 25 | 75 |
| 1-570102 | Менеҷменти экологӣ ва аудит дар саноат | 25 | 0 | 25 |
| 1-540101 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (аз рӯи самтҳо) | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | 75 | 25 | 100 |
| 1-25010409 | Молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрук | 25 | 0 | 25 |
| 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 75 | 25 | 100 |
| 1-400101-08 | Муҳандиси барномавӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250101 | Назарияи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250105 | Омор | 25 | 0 | 25 |
| 1-230109 | Рӯзноманигории байналмилалӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-890101 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 50 | 0 | 50 |
| 1-890201-7901 | Сайёҳии осоишгоҳӣ-табобатӣ (5-сола) | 25 | 0 | 25 |
| 1-23010101 | Сиёсати берунӣ ва дипломатия | 50 | 0 | 50 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260103-01 | Танзими давлатии иқтисоди миллӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-24010302 | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 25 | 0 | 25 |
| 1-23010103 | Ташкили робитаҳои байналмилалӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-08 | Таълими касбӣ (иқтисодиёт ва идоракунӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-07 | Таълими касбӣ (информатика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-230102-01 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (хизматрасонии иттилоотӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-960101-02 | Таъминоти иқтисодии фаъолияти гумрукӣ | 100 | 0 | 100 |
| 1-960101-01 | Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ | 100 | 20 | 120 |
| 1-26020104 | Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳои хурду миёна | 25 | 0 | 25 |
| 1-24010301 | Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти тиҷоратӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-400102-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 50 | 20 | 70 |
| 1-40030101 | Технологияи зеҳни компютерии реинжиниринг ва бизнес-равандҳо | 25 | 0 | 25 |
| 1-91010101 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-31030601-04 | Технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт | 25 | 0 | 25 |
| 1-790103-01 | Тибби сайёҳӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-930101-01 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (Полиси сайёҳӣ) | 25 | 25 | 50 |
| 1-310301-03 | Физика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-960101 | Хадамоти гумрук | 50 | 25 | 75 |
| 1-24010106 | Хадамоти консулӣ | 50 | 0 | 50 |
| 1-240101-05 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-25010205 | Ҳуқуқи гумрукӣ | 50 | 20 | 70 |
| 1-240103 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| **Ҳамагӣ** | | **2650** | **405** | **3055** |



| Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ№ ______ | | Нақшаи қабул |
|---|---|---|---|---|
| | | рӯзона | ғоибона | |
| 43.03.01 | Сервис | 25 | | 25 |
| 43.03.02 | Туризм | 25 | | 25 |
| 43.03.03 | Фаъолияти меҳмонхонавӣ | 25 | | 25 |
| **Ҳамагӣ** | | **75** | | **75** |



### НАҚШАИ ҚАБУЛИ
**Филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дар соли таҳсили 2024-2025 (Тибқи замима ба иҷозатномаи Т-ИФ №0002226 аз 21.06.2023, №293)**

| Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ№ ______ | | Нақшаи қабул |
|---|---|---|---|---|
| | | рӯзона | ғоибона | |
| 1-25010403 | Андоз ва андозбандӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-112501 | Аудит ва ревизия | 25 | 25 | 50 |
| 1-250108-00 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 25 | 25 | 50 |
| 1-020405-03 | География. Иқтисодиёт | 25 | 0 | 25 |
| 1-020405-04 | География. Ҳифзи табиат | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони русӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони хитоӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-400301 | Зеҳни сунъӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260101 | Идораи давлатӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250107-17 | Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-270101-16 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-20 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати хӯрокворӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-250102-02 | Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250110-26 | Иқтисодиёти рақамӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-25010402 | Кори бонкӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-310301-03 | Математика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-310303-02 | Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-260202 | Менеҷмент | 25 | 0 | 25 |
| 1-26020210 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-26020203 | Менеҷменти инноватсионӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104-10 | Менеҷменти молиявӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | 25 | 25 | 50 |
| 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250101 | Назарияи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260103-01 | Танзими давлатии иқтисоди миллӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-24010302 | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 25 | 0 | 25 |
| 1-23010103 | Ташкили робитаҳои байналмилалӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-08 | Таълими касбӣ (иқтисодиёт ва идоракунӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-07 | Таълими касбӣ (информатика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-400102-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 25 | 0 | 25 |
| 1-960101 | Хадамоти гумрук | 25 | 25 | 50 |
| 1-24010106 | Хадамоти консулӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-240101-05 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-240103 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| **Ҳамагӣ** | | **925** | **300** | **1225** |

### НАҚШАИ ҚАБУЛИ
**Филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон дар соли таҳсили 2024-2025 (Тибқи замима ба иҷозатномаи Т-ИФ №0002226 аз 21.06.2023, №293)**

| Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ№ ______ | | Нақшаи қабул |
|---|---|---|---|---|
| | | рӯзона | ғоибона | |
| 1-25010403 | Андоз ва андозбандӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250108 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 25 | 25 | 50 |
| 1-020405-03 | География. Иқтисодиёт | 25 | 0 | 25 |
| 1-020405-04 | География. Ҳифзи табиат | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони русӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони хитоӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-400301 | Зеҳни сунъӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260101 | Идораи давлатӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250107-17 | Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-16 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-20 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати хӯрокворӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-25010202 | Иқтисодиёти молия ва бонкӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250110-26 | Иқтисодиёти рақамӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-25010402 | Кори бонкӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-310301-03 | Математика (фаъолияти иқтисодӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-310303-02 | Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-26020210 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250104-10 | Менеҷменти молиявӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | 25 | 25 | 50 |
| 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-250101 | Назарияи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-890101 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-890201-7901 | Сайёҳии осоишгоҳӣ-табобатӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-260103-01 | Танзими давлатии иқтисоди миллӣ | 25 | 0 | 25 |
| 1-24010302 | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-08 | Таълими касбӣ (иқтисодиёт ва идоракунӣ) | 25 | 0 | 25 |
| 1-080101-07 | Таълими касбӣ (информатика) | 25 | 0 | 25 |
| 1-960101-02 | Таъминоти иқтисодии фаъолияти гумрукӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-400102-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 25 | 0 | 25 |
| 1-960101 | Хадамоти гумрук | 25 | 25 | 50 |
| 1-240101-05 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 25 | 25 | 50 |
| 1-240103 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 25 | 0 | 25 |
| **Ҳамагӣ** | | **875** | **250** | **1125** |



**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 420554 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Таъмир, барқарорсозӣ ва пайваст намудани фаввораҳои «Кохи Ваҳдат» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.03.2024 10:35:00 |
| 2 | 420547 | Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ» | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 22.03.2024 16:47:00 |
| 3 | 420545 | Муассисаи мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббии вилояти Суғд | Таъмири намои деворҳои мошинсаройгоҳҳо ва таҷдиди деворҳои берунаи Муассисаи мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббии вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.04.2024 16:15:00 |
| 4 | 420544 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 02.04.2024 16:30:14 |
| 5 | 420548 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии бинои ошхона ва шуъбаи табобатии Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.04.2024 16:43:43 |
| 6 | 420550 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғи ВМКБ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 61 | 02.04.2024 17:00:00 |
| 7 | 420549 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии №10-и шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 02.04.2024 17:00:15 |
| 8 | 420551 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи вилоятии клиникии бемориҳои сироятӣ дар ноҳияи Данғара» | Рахти хоб ва хилъати тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 02.04.2024 17:05:30 |
| 9 | 420553 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Асбобҳои ченкунандаи муқовимат ба изолятсия, таҷҳизоти маишӣ ва офис, зарфҳои ошхона, инвентари нарм ва либоси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 03.04.2024 10:35:37 |
| 10 | 420555 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Таъмири ҷории ошхона, автоклав, маҷлисгоҳ, сохтмони навес, кабудизоркунии атроф ва мустаҳкамкунии иҳотадевор дар МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2024 10:45:00 |
| 11 | 420556 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни кушод | Мол | 49 | 03.04.2024 11:30:00 |
| 12 | 420557 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №16-уми ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2024 13:21:21 |
| 13 | 420558 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Таҷҳизот, асбобҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 78 | 03.04.2024 13:23:23 |
| 14 | 420559 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгарди хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Истаравшан (корҳои лоиҳавӣ ва топографию геодезӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 03.04.2024 13:26:36 |
| 15 | 420560 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Сохтмони кӯдакистон дар деҳаи Мусаффои Ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Б.Ғафуров (таъминоти барқ, хатти об ва сабзкунии саҳни бино) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2024 14:08:30 |
| 16 | 420561 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Сохтмони бинои иловагӣ дар ҳудуди кӯдакистони № 14 дар Ҷамоати деҳоти Д.Холматови ноҳияи Б.Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2024 14:12:52 |
| 17 | 420552 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 03.04.2024 15:45:45 |
| 18 | 420574 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, қисмҳои эҳтиётии компютер, таҷҳизоти техникии идоравӣ, техникаи маишӣ, курсии идоравӣ ва обҳои нӯшокии маъданӣ | Озмуни кушод | Мол | 127 | 28.03.2024 11:35:43 |
| 19 | 420575 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Масолеҳи сохтмонӣ, асбобҳои дастӣ, ниҳолҳои дарахт, гулдонҳои полиэтиленӣ, заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ ва ниҳоли гули Роза | Озмуни кушод | Мол | 17 | 29.03.2024 15:55:55 |
| 20 | 420578 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Иҳотадеворҳои қамишӣ, ниҳолҳои дарахт, тухмии алафҳои ҳамешасабз, матои бяз, лентаи бастабандӣ ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 14 | 29.03.2024 16:36:36 |
| 21 | 420562 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Техникаи маишӣ ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 03.04.2024 15:20:17 |
| 22 | 420563 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 03.04.2024 15:20:40 |
| 23 | 420564 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири асосии бинои посбонии Маркази таълимии наҷотдиҳандагони КҲФ ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Қаратоғ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2024 15:55:00 |
| 24 | 420565 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 03.04.2024 16:15:45 |
| 25 | 420576 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №15»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 04.04.2024 13:00:00 |
| 26 | 420579 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тухмии зироатҳои озуқа ва техникӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 04.04.2024 13:20:35 |
| 27 | 420580 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Дарахтон ва гулҳо | Озмуни кушод | Мол | 11 | 04.04.2024 14:00:00 |
| 28 | 420581 | Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Сохтмони бинои маъмурии МИҲД шаҳри Левакант | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.04.2024 14:10:35 |
| 29 | 420583 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи кории «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Соҳилӣ то пайвастани роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар бо шаҳри Ҳисор (то посгоҳи БДА дар дарвозаи ҷанубӣ)» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.04.2024 14:30:00 |
| 30 | 420586 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Лифт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 04.04.2024 14:50:00 |
| 31 | 420584 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи кории «Сохтмони роҳи автомобилгард аз пайвастани роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар тавассути иншооти тозакунии шаҳр то соҳили дарёи Душанбе» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.04.2024 15:30:00 |
| 32 | 420585 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи кории «Сохтмони роҳи автомобилӣ аз кӯчаи Н.Қарабоев то пайвастани роҳи автомобилгарди Душанбе – Рӯдакӣ» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.04.2024 16:20:00 |
| 33 | 420566 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои ғадудҳои дарунаи дар шаҳри Кӯлоббудаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон» | Таъмири асосии бинои Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои ғадудҳои дарунӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.04.2024 10:33:20 |
| 34 | 420569 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 ба номи Рустам Шарифови ноҳияи Темурмалик | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 05.04.2024 10:47:06 |
| 35 | 420570 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» | Хӯрокворӣ, инвентари мулоим, ангишт ва ҳезум | Озмуни кушод | Мол | 31 | 05.04.2024 10:57:36 |
| 36 | 420571 | Маркази вилоятии ташхисию табобатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии бинои Маркази вилоятии ташхисию табобатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.04.2024 11:01:33 |
| 37 | 420573 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи №1-и Ҷамоати деҳоти Даштигуло» | Таъмири асосии бинои Муассисаи давлатии «Беморхонаи №1-и Ҷамоати деҳоти Даштигуло»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.04.2024 11:04:59 |
| 38 | 420577 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоби вилояти Хатлон | Молҳои дафтардорӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ, таҷҳизоти офисӣ, мебел ва телевизор | Озмуни кушод | Мол | 49 | 05.04.2024 11:58:45 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 1439711 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ, ки онро МТМУ №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Ғаюрзода Мадина додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшуда дар бораи шарикӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ, ки байни ҶДММ «Муқим 1» ва Аҳадов Салимҷон Зайнуллоевич бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 42, хонаи 184 баста шудааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0380203, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 28-уми марти соли 2013, таҳти қайди 28954 дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ барои сохтмони корхонаи истеҳсоли қуму сангреза дар майдони 2,35 гектар замин ба Давлатов Нурзод додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0215653, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди №3918 аз 5-уми августи соли 2009 дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ барои бунёди корхонаи истеҳсол ва коркарди регу шағал дар майдон 6,0 гектар замин ба Давлатов Нурзод додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0380202, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 28-уми марти соли 2013, таҳти қайди 28955 дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ барои карери истихроҷи қум ва санг дар майдони 6,15 гектар замин ба Давлатов Нурзод додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Борбад, хонаи 17 ба Раҷабова Саодат Аминҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи АБ №030122, ки онро МТМУ №203-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1999 ба Азизов Баҳодур Мелимуродович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Раҳмонов Алибек Мастович (санаи таваллуд - 20 марти соли 1959) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ронандагии гумшуда, ки онро ШБДА-и ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Раҳмонов Алибек Мастович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 183, хонаи 107 ба Сангинова Суман додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 20-уми майи соли 2021, таҳти феҳрасти 1Ш-743 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 183, хонаи 107 ба Сангинова Суман Махкамовна додааст, эътибор надорад.

✓Рақами давлатии гумшудаи 5532 РТ 01-и автомашинаи тамғаи «Портер» марбут ба Асроров Саидҷамолиддин Саидабророрович, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 30-юми декабри соли 2020, таҳти феҳрасти 1Ш-3631 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навбаҳор, бинои 2А, хонаи 23 ба Салимзода Ҳалими Маҳмудҷон додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Панҷакент 12-уми майи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Саразм ба Рустамов Наҷибулло Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 6-уми августи соли 2015, таҳти феҳристи СД – 1676755 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Саразм ба Рустамов Наҷибулло Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 44, хонаи 33 ба Ҷумаев Музаффар Қурбонович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №507151, ки онро Техникуми молиявӣ – иқтисодии шаҳри Душанбе1-уми июли соли 1978, таҳти қайди 1625 ба Кучаков Хасан Ишанкулович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Зиёвудинов Зайниддин Хайриддинович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Ободи дилкушо» (РМА 605008359, РЯМ 6010006182), ки Нозироти андози шаҳри Панҷакент 29-уми ноябри соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Баракати Дамир» (РЯМ 0310023487, РМА 030035403), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2-юми марти соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Давутичиан Маҷит (РМА 037226746), ки соҳиби Шаҳодатнома ва иқтибоси гумшуда барои пешбурди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ буда, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи умумии давлатдорӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 марти соли 2024, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35130 нусха*

Навбатдори шумора
Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97